## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**24 январи соли 2026.**

Диссертатсияи номзадии пешниҳодшуда ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳими ҳуқуқи маданӣ - танзими ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш бахшида шудааст. Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, густариши муомилоти молӣ ва афзоиши ҳаҷми шартномаҳои хариду фурӯш, масъалаи таъмини сифати мол ва риояи уҳдадориҳои шартномавӣ аҳамияти хоса пайдо намудааст. Маҳз сифати мол ҳамчун унсури калидии иҷрои дурусти уҳдадориҳои шартномавӣ ба манфиатҳои иқтисодии тарафҳо ва устувории муомилоти маданӣ таъсири мустақим мерасонад.

Диссертант дар раванди таҳқиқоти илмии худ масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба шарт оид ба сифати молро дар низоми шартномаҳои хариду фурӯш ҳамаҷониба ва муфассал таҳлил намудааст. Дар кори илмӣ мафҳум, мазмун ва аҳамияти ҳуқуқии шарти сифати мол муайян гардида, ҷойгоҳ ва нақши он дар сохтори шартномаи хариду фурӯш аз нуктаи назари назарияи ҳуқуқи маданӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки шарти сифати мол на танҳо унсури техникӣ, балки кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки диссертант дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-тадкикотии худ худро ҳамчун шахси масъулиятшинос, боинтизом, дорои тафаккури таҳлилӣ ва малакаи баланди кор бо сарчашмаҳои ҳуқуқӣ муаррифӣ намудааст. Ӯ бо истифода аз адабиёти илмии соҳавӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, маводи амалияи судӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ тавонистааст мавкеи илмии худро бо далелҳои муътамад ва мантиқӣ асоснок созад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ баҳсҳои зиёде вобаста ба сифати мол, ҷавобгарӣ барои камбудиҳои он, иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои шартномавӣ ба миён меоянд. Норасоиҳои мавҷудаи қонунгузорӣ ва гуногунфаҳмии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалия зарурати таҳқиқоти амиқи илмиро ба вуҷуд меоранд. Диссертатсияи мазкур маҳз ба ҳалли ин мушкилот равона гардида, ҷанбаҳои баҳсталаби конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор ва таҳлил менамояд.

Дар мукаддима мубрамии мавзуи тахкикоти диссертасионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳкик, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амали муайян карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш баррасӣ шудаанд. Муаллиф мафҳуми сифати молро дар заминаи назарияи ҳуқуқи маданӣ таҳлил намуда, таносуби онро бо дигар шартҳои муҳими шартномаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ вобаста ба бегона кардани молу мулк нишон медиҳад. Дар ин боб аҳамияти ҳуқуқии шарти сифати мол ҳамчун унсури ҳатмии шартномаи хариду фурӯш асоснок гардида, мавқеи он дар низоми уҳдадориҳои шартномавӣ муайян карда шудааст.

Боби дуюм ба хусусиятҳои ҳуқуқии шартҳои вобаста ба сифати мол дар марҳилаҳои бастан, иҷро ва қатъи шартномаи хариду фурӯш бахшида

шудааст. Дар ин қисмат муаллиф масъалаҳои таъмини сифати молро дар марҳилаи бастани шартнома, тартиби муайян намудани нишондиҳандаҳои сифат, уҳдадориҳои тарафҳо ва накши ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи сифат таҳлил менамояд. Ҳамчунин дар раванди иҷрои шартнома масъулияти тарафҳо барои риояи талаботи сифат ва механизмҳои назорат баррасӣ шудаанд.

Дар боби сеюм оқибатҳои ҳуқукии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Муаллиф мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани чунин оқибатҳоро муайян намуда, навъҳо ва механизмҳои татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқиро тибқи қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад. Дар ин боб пешниҳодҳои илмии ҷолиб ҷиҳати такмили механизмҳои ҳифзи хуқуқи харидор ва таъмин намудани устувории муносибатҳои шартномавӣ ироа гардидаанд.

Аҳамияти назариявии диссертатсия дар рушди назарияи шартномаҳои хариду фурӯш, такмили мафҳумҳои вобаста ба сифати мол ва равшан намудани ҷойгоҳи он дар низоми уҳдадориҳои маданӣ ифода меёбад. Хулосаҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии кори илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳо ва пешниҳодҳои диссертант метавонанд дар фаъолияти амалии судҳо, мақомоти ҳифзи хуқуқ, ҳуқуқшиносон, инчунин ҳангоми таҳияи шартномаҳои хариду фурӯш ва дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода гарданд.

Диссертатсия бо услуби илмии равшан, пайдарҳамии мантиқӣ ва риояи талаботи методологии таҳкиқоти илмӣ иҷро гардида, аз ҷиҳати сохтор ва мазмун ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти сатҳи баланди илмии таҳқиқот, дараҷаи баланди мустақилияти иҷрои он, мукаммалии таҳлили назариявӣ ва амалии масъалаҳои баррасишуда, асоснокии хулосаҳои илмӣ, навоварии илмии натиҷаҳо, инчунин аҳамияти назариявию амалии онҳо барои рушди ҳуқуқи маданӣ, диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун кори илмӣ-тадқиқотии пурра ва ба анҷомрасонидашуда арзёбӣ мегардад.

Хулоса: диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюрзода Ш.К.

Имзои Ғаюрзода Ш.К.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
24.01.2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj